آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**2 апрели соли 2025 Чоршанбе № 27 (15142)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ҲМЧ-РО ҚАБУЛ КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 1 апрел ҳайати Ҷумҳурии Мардумии Чинро таҳти роҳбарии мудири Шуъбаи робитаҳои байналмилалии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Чин Лю Сзянчао қабул кард.**



Меҳмони олимақом ба роҳбари давлати мо саломи самимӣ ва таманниёти беҳтарини Раиси ҲМЧ Си Сзинпинро расонд.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои тавсеаи минбаъдаи ҳамкории гуногунҷанба ва амалӣ байни Ўзбекистон ва Чин мувофиқи созишномаҳои сатҳи олӣ баррасӣ гардиданд.

Бо қаноатмандии махсус таъкид гардид, ки дар солҳои охир сатҳи хеле баланди муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии ҳамаҷонибаи стратегии Ўзбекистон ва Чин ба даст омадааст.

Ҳаҷми муомилоти моли дуҷониба ва сармоягузорӣ мунтазам афзоиш меёбад, шумораи лоиҳаҳо ва корхонаҳои муштарак бо иштироки ширкатҳои пешрафта дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисод зиёд мегардад.

Оид ба лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон» корҳои амалӣ идома доранд.

Ба робитаҳои байнинминтақавӣ ва мубодилаи фарҳангию гуманитарӣ баҳои баланд дода шуд. Имсол Форуми навбатии минтақаҳо ва Форуми таълимӣ баргузор хоҳанд шуд.

Ба зарурати густариши минбаъдаи ҳамкории байнипарлумонӣ ва байниҳизбӣ, хусусан дар соҳаҳои кам кардани сатҳи камбизоатӣ, мубориза бо коррупсия, рақамисозии босуръат ва индустриализатсия диққати махсус дода шуд.

Муҳимияти рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва касбӣ, аз ҷумла кушодани филиалҳои донишгоҳҳои пешбари Чин дар кишвари мо таъкид гардид.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

### ЎЗБЕКИСТОН – ТОҶИКИСТОН – ҚИРҒИЗИСТОН:

## РАМЗИ НАВИ ДӮСТИИ АЗАЛӢ ВА АБАДӢ ГУЗОШТА ШУД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 31 март бо сафари корӣ ба шаҳри Хуҷанд ташриф овард.***

Дар фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд роҳбари давлати моро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон истиқбол гирифт.

Ба ифтихори омадани роҳбари Ўзбекистон парчамҳои давлатии ҳарду кишвар барафрохта шуданд. Намояндагони фарҳанг ва санъат барномаҳои мусиқию рақсҳои миллӣ намоиш доданд.

Нахуст мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Масъалаҳои муҳими густариши минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ дар доираи иҷрои созишномаҳо дар сатҳи олӣ баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандии амиқ сатҳи баланди ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Тоҷикистон таъкид гардид.

Муомилоти мол дар соли 2024 аз 700 миллион доллари амрикоӣ гузашт. Лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, энергетика, электроника, нассоҷӣ, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок бомуваффақият амалӣ мешаванд. Равобити байни минтақаҳо ва мубодилаи фарҳангию гуманитарӣ фаъолона ҷараён дорад.

Аҳамияти таҳияи тадбирҳо барои тезонидани лоиҳаҳои муштараки ҳамкориҳои амалӣ дар ҷараёни ҷаласаи оянддаи Комиссияи байниҳукуматӣ таъкид гардид.

Роҳбарон ҳамчунин оид ба масъалаҳои рӯзномаи минтақавӣ, аз ҷумла баргузории ҳамоишҳои бисёрҷониба, ки дар кишвари мо пешбинӣ шудааст, мубодилаи афкор карданд.

Бар асоси натиҷаҳои музокироти баргузоршуда, дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбарони идораҳои сиёсати хориҷӣ Протоколро имзо намуда, санадҳои тасдиққуниро оид ба эътибор пайдо кардани Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон мубодила карданд.

Аҳднома дар ҷараёни ҳамоиши дуҷониба дар сатҳи олӣ 18 апрели соли гузашта дар шаҳри Душанбе имзо шуда буд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## ДАР ЎЗБЕКИСТОН АНҶУМАНИ ЯКУМИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ИТТИҲОДИ АВРУПО» БАРГУЗОР МЕГАРДАД




***3-4 апрел дар шаҳри Самарқанд анҷумани якуми «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» баргузор мегарданд.***

Дар кори анҷуман, ки зери раисии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев барпо мегардад, Президенти Шӯрои Аврупо Антониу Кошта, Президенти Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Ляйен, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов иштирок менамоянд.

Дар чорабиниҳое, ки зери шиори «Сармоягузорӣ барои оянда» барпо мегардад, интизор меравад, ки инчунин роҳбарони Бонки таҷдид ва рушди Аврупо ва Бонки сармоягузории Аврупо ширкат намоянд.

Бинобар рӯзномаи ҷамъомад масъалаҳои истиқболи рушди муносибати бисёрҷанба ва ҳамкории амалӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо баррасӣ мегарданд.

Дар маркази эътибор масъалаҳои вусъат додани ҳамкории сармоягузорӣ ва афзудани табодули амвол, пеш бурдани барнома ва лоиҳаҳои муштараки ҳамкорӣ дар соҳаҳои инноватсия, энергетикаи «сабз», соҳаҳои истихроҷ, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, логистика ва рақамисозӣ, идома додани табодули фаъол дар ҷанбаҳои маданият, сайёҳӣ, илм, таълим ва дигар самтҳои бартаринок қарор доранд.

Роҳбарони ҳайатҳо инчунин доир ба масъалаҳои муҳими байналхалқӣ ва сиёсати минтақавӣ табодули афкор хоҳанд кард.

Бинобар барнома пешвоёни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва роҳбарони институтҳои асосии ИА якҷоя дар ҷамъомади умумии Анҷумани байналхалқии оид ба иқлим дар Самарқанд иштирок менамоянд, ки он кори худро 4 апрел шурӯъ менамояд.

Ғайр аз ин пешбинӣ мегардад, ки чандин мулоқоти дуҷонибаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бо роҳбарони ҳайатҳои хориҷӣ дар ҳошияи анҷуман баргузор гардад.

**ЎзА.**

***Давлатҳои Осиёи Марказӣ соҳибистиқлол гардида бошанд ҳам, сарҳади байни онҳо муддати тӯлонӣ баста буд. Мардум дар ёд доранд, ки дар онҳо симтӯр кашидаву ба садҳо километр хандақ кофта буданд. Имрӯз бошад... замони доруламон расид. Ўзбек бо қирғизу тоҷик чун додару бародари ҳамхун қадрдон. Ҷашну тӯю маъракаҳояшон бидуни ҳам намегузарад.***

## «РАМЗИ ДӮСТӢ» – САҲИФАИ НАВ ДАР ТАЪРИХ

Роҳбарони се халқ, се давлат даст ба даст дода, аҳд карданд, ки барои бародарии азалӣ ёдгории абадӣ гузоранд. Дар паҳное, ки сарҳадҳои Ўзбекистон – Тоҷикистон – Қирғизистон мепайвандад, бунёди стелаи «Рамзи дӯстӣ» ба анҷом расид. Дар ифтитоҳи он намояндагони се халқ иштирок карданд.

«Рамзи дӯстӣ» се дарахтеро мемонад, ки гӯё аз як реша сабзидаанд. Оре, дар ҳақиқат, халқҳои мо аз қадим чун се фарзанди як хонавода умр ба сар бурдаанд. Се навда, ки сар ба осмон кашидаанд, рамзи се давлати мустақил мебошад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**



## МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ РӮЗНОМАИ ДУҶОНИБА БАРРАСӢ ГАРДИД

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуд Пизишкиён 1 апрел дар ҷараёни суҳбати телефонӣ ҳамдигар ва мардуми дӯсти ҳар ду кишварро бо иди баҳории Наврӯз ва иди муқаддаси Рамазон – Иди саиди Фитр самимона табрик гуфта, сулҳ, некӯаҳволӣ ва шукуфоиро таманно карданд.

Масъалаҳои муҳими рушди минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷонибаи Ўзбекистон-Эрон дар асоси «харитаи роҳ»-и қабулшуда муфассал баррасӣ гардиданд.

Бо қаноатмандӣ қайд гардид, ки равобит ва сафарҳо дар сатҳҳои гуногун фаъолона идома доранд.

Нишондиҳандаҳои тиҷорати мутақобила ва боркашонӣ, шумораи корхонаҳои муштарак меафзоянд, парвозҳои мустақими доимӣ байни пойтахтҳо амалӣ мегарданд ва мубодилаи тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ тавсеа меёбанд.

Ба дастгирӣ ва татбиқи босуръати лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои кимиё ва нафту кимиё, саноати нассоҷӣ ва озуқаворӣ, кишоварзӣ, саноати сохтмон ва дигар самтҳо таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Зарурати ташкили босамари ҷаласаи дар шаҳри Теҳрон ба нақша гирифташудаи Комиссияи байниҳукуматӣ, форуми тиҷоратӣ ва намоишгоҳи саноатӣ таъкид гардид.

Роҳбарони Ўзбекистон ва Эрон ҳамчунин оид ба масъалаҳои рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор карданд.

**ЎзА.**

## ДӮСТИИ ХАЛҚҲО ПОЯНДА БОД!

***Имрӯзҳо дар доираи мулоқоти таърихии сеҷонибаи сарони давлатҳои Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ дар гӯшаву канори мамлакати мо, дар минтақаҳои дурдасти кишвар таҳти шиорҳои «Мамлакате, ки дӯстиву ҳамҷиҳатиро арҷ мегузорад!», «Неруи мо – дар ваҳдату ҳамҷиҳатӣ», «Дӯстии халқҳо поянда бод!», «Ҳамҷиҳатии миллӣ – асоси осудаҳолӣ» ва ғайра чорабиниҳои маънавӣ-маърифатӣ ва фарҳангӣ идома доранд.***

Яке аз чунин чорабиниҳо таҳти шиори «Мамлакате, ки дӯстиву ҳамҷиҳатиро арҷ мегузорад!» дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои «Яккатут», «Навобод» ва «Боғистон»-и ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд баргузор гардид.

Ҳокими ноҳия Ч.Аҳмадов, намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, собиқадорон, ҷавонони фаъол ва сокинони маҳаллаҳо иштирокдорони чорабинӣ буданд.

– Таъмини ҳамҷиҳатии миллӣ ва фароҳдилӣ, таҳкими муҳити дӯстӣ, тарбияи ҷавонон дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва пос доштани урфу одат аз самтҳои устувори сиёсати давлат ба шумор меравад, – гуфт ҳокими ноҳия Ч.Аҳмадов. – Баргузории чунин чорабиниҳо низ маҳз барои мустаҳкам гардидани ғояҳои дӯстӣ, ҳамҷиҳатӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа хидмат мекунад.

Дар доираи чорабинӣ «Боғи дӯстӣ» бунёд гардида, масъулони ноҳия ва фаъолони маҳалла аз рӯзгори оилаҳои ниёзманд хабар гирифта, ба онҳо кумак расониданд. Мусобиқаҳои варзишӣ гузаронида шуд, намоишгоҳи маҳсулоти ҳунармандӣ, китобҳо ташкил гардид.

Инчунин, иштирокдорон бо арзиш, урфу одат, санъат ва фарҳанги миллат ва халқиятҳои гуногун, ҳамзамон бо рафти тайёр кардани таомҳои миллӣ шинос шуданд. Бонувони маҳалла сумалак пухта, пешкаши меҳмонон карданд.

Барномаи фарҳангӣ, ки аз ҷониби шуъбаи фарҳанги ноҳия пешкаш гардид, дар ҳозирин таассуроти фаромӯшнопазир гузошт.

**Ш.РАСУЛОВА,**
*вилояти ТОШКАНД.*

## ДӮСТ БУДАН ЧӢ МУШКИЛӢ ДОРАД?

***Дар мактаби рақами 29-уми ноҳияи Бандихони вилояти Сурхондарё таҳти шиори «Неруи мо – дар ваҳдату дӯстӣ!» чорабинии густурдаи фарҳангӣ баргузор гардид.***

Ин чорабинӣ бо кӯшиши ҳокимияти ноҳия ва ташкилоту идораҳои ҳомии қаламрав рӯйи кор омад ва як навъ идомаи тантанаҳои ҷашни мардумии Наврӯзи хуҷастапай муаррифӣ шуд. Дар он мардуми зиёди атроф, ки иборат аз тоҷикону ўзбекон мебошанд, гирдиҳам омаданд. Ба ҷуз аз барномаҳои консертӣ, ки табъи ҳамаро хуш карданд, бозиҳои варзишӣ, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла маҳсули дасти пазандагон ва дӯзандагони минтақа, оҳангарон ва ҳамчунин осори қадимаи ниёкону китобҳои гуногуни бадеиву илмӣ сурат гирифтанд.

**(Давомаш дар саҳ.3).**



ЎЗБЕКИСТОН – ТОҶИКИСТОН – ҚИРҒИЗИСТОН:

# РАМЗИ НАВИ ДЎСТИИ АЗАЛӢ ВА АБАДӢ ГУЗОШТА ШУД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳуҷҷат аз рӯзи мубодилаи санадҳои тасдиқкунӣ эътибор пайдо мекунад.

Баъд аз ин Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар мулоқоти сеҷониба бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров иштирок кард.

Дар оғози вохӯрӣ сарони давлатҳо якдигарро бо фарорасии иди муқаддаси Рамазон ва ҷашни бедории баҳор ва навсозӣ – Наврӯз табрик гуфта, ба халқҳои бародар сулҳ, некӯаҳволӣ ва шукуфоӣ орзу намуданд.

Роҳбари кишвари мо ҳамчунин ҷониби Тоҷикистон ва Қирғизистонро бо ҳалли ниҳоии ҳамаи масъалаҳо ва имзои Шартнома оид ба делимитатсияи сарҳади давлатӣ самимона табрик кард.

Таъкид гардид, ки ин ҳуҷҷат, инчунин Шартнома оид ба нуқтаи пайвастшавии марзҳои давлатии се кишвар барои таъмин намудани субот ва рушди устувор, баланд бардоштани нуфузи байналмилалии тамоми минтақа мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, ифтитоҳи расмии стелаи «Дўстӣ» ба рамзи нави таҳкими равобити ҳамсоягии нек, эътимод ва шарикии стратегии кишварҳои бародар табдил хоҳад ёфт.

Президенти Ўзбекистон ба самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои амалӣ диққати махсус дод. Пеш аз ҳама, ин идомаи равобити фаъоли эътимоднок дар сатҳи олӣ мебошад.

Ҳамин ҳафта дар шаҳри Самарқанд нахустин ҳамоиши «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» ва Форуми иқлимӣ, ки ба мушкилоти умумии экологӣ дар минтақа бахшида шудааст, баргузор мегардад.

Дар моҳи май саммит бо кишварҳои арабии халиҷи Форс ва дар моҳи сентябр ҳафтумин мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор хоҳад шуд.

Дар ин замина аҳамияти идомаи машваратҳои мунтазам дар сатҳи вазоратҳои корҳои хориҷӣ барои омодасозии ҳамаҷонибаи рӯзномаи чорабиниҳои дарпешистода ва таҳияи равишҳои умумӣ таъкид гардид.

Ба рушди ҳамкориҳои мустаҳками минтақаҳои сарҳадӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуд. Зикр гардид, ки дар солҳои охир гардиши мол миёни Ўзбекистон ва Қирғизистону Тоҷикистон даҳҳо маротиба афзудааст. Қариб нисфи ин ҳама ба вилоятҳои наздисарҳадӣ рост меояд.

Дар ин замина, зарурати навсозии ҳамаҷониба ва тавсеаи гузаргоҳҳои гумрукӣ дар марзҳо, фароҳам овардани инфрасохтори мусоид, муосири савдо ва логистика таъкид гардид. Пешниҳод шуд, ки масъалаи таъсиси майдони савдои сеҷониба бо ташкили намоишгоҳ-ярмаркаи доимии маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ баррасӣ гардад.

Самти дигари муҳим – лоиҳаҳои ҳамкории саноатӣ мебошад. Имрӯз корхонаҳои Ўзбекистон ва ширкатҳои хусусӣ фаъолона ба таъсиси истеҳсолоти муосир дар кишварҳои ҳамсоя сармоягузорӣ мекунанд.

Бо мақсади дастгирии ҳамкорӣ роҳбари кишвари мо омодагии худро барои афзоиши марҳилавии сармояи фондҳои муштараки сармоягузории таъсисёфта изҳор намуд.

Мувофиқа шуд, ки корҳо оид ба рушди ҳамлу нақли нақлиётӣ байни кишварҳо идома ёбад. Сухан дар бораи зиёд кардани шумораи хатсайрҳо ва тавсеаи ҷуғрофиёи парвозҳои ҳавоӣ, инчунин роҳандозии хатсайрҳои нави автобусӣ байни шаҳрҳои минтақаҳои сарҳадӣ меравад.

Дар меҳвари таваҷҷуҳ пешбурди лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар соҳаи энергетикаи «сабз» ва нақлиёт, барномаҳо дар соҳаи захираҳои об ва экология қарор дошт.

Президенти Ўзбекистон махсус таъкид кард, ки фаъолияти фаъолтари ҳукуматҳо дар самти иқтисодӣ бояд натиҷаҳои фаврӣ ва воқеӣ диҳад, ки ба беҳбудии зиндагии мардуми мо нигаронида шудаанд.

Ҳамчунин зикр гардид, ки баргузории як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ дар ин рӯзҳо дар Хуҷанд ба таҳкими дўстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳо, бахусус ҷавонон мусоидат менамояд.

Сарвари давлати мо пешниҳод намуд, ки ҳар сол дар минтақаҳои сарҳадӣ дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз консерт ва фестивалҳои муштараки дўстӣ баргузор шаванд ва омодагии худро барои ташкили чунин чорабиниҳо дар соли оянда дар шаҳри Фарғона изҳор намуд.

Дар натиҷаи вохӯрӣ Шартномаи таърихӣ оид ба нуқтаи пайвастшавии марзҳои давлатии Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон ба имзо расид ва Эъломияи муштараки сарони се давлат қабул гардид.

Мутобиқи барномаи чорабиниҳои сатҳи олӣ, ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор мешаванд, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров стелаи «Дўстӣ»-ро дар минтақаи пайвастшавии марзҳои давлатии се кишвар ботантана ифтитоҳ карданд.

Муовинони сарвазирони се кишвар тавассути видеоконфронс ба сарони давлатҳо оид ба анҷоми корҳои сохтмонӣ ва омодагии иншоот гузориш доданд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ин ёдгорӣ ҳамчун рамзи нави таҳкими равобити дўстӣ, ҳамсоягии нек, эътимод ва шарикии стратегии кишварҳои бародар хидмат хоҳад кард.

Бояд гуфт, ки ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ байни Ўзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон натиҷаи заҳмати бисёрсолаи пурмашаққат, гуфтугӯи самимӣ ва ҳамкории бар принсипҳои эҳтироми соҳибихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ ва манфиатҳои мутақобила асосёфта мебошад. Ин дастоварди дурнамои навро барои рушди шарикии ҳамаҷониба мекушояд, ба таҳкими эътимод ва дўстӣ байни халқҳои се кишвар, беҳбудии сатҳи зиндагии онҳо мусоидат мекунад.

Дар ин раванд муттаҳидсозии тамоми минтақа нақши муҳим бозид, ки он заминаеро барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда танҳо дар рӯҳияи созиш ва эҳтироми манфиатҳои якдигар фароҳам овард.

Сиёсати фаъоли хориҷии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар раванди ҳамгироии минтақавӣ саҳми назаррас гузошт. Аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ҳамчун роҳбари давлат, Президент минтақаи Осиёи Марказиро самти муҳими афзалиятноки сиёсати хориҷии Ўзбекистон муайян намуд. Тақвияти ҳамсоягии нек ва эътимод, ҳалли муштараки масъалаҳои мавҷуда, рушди ҳамкории минтақавӣ ва иштироки фаъолона дар арсаи байналмилалӣ вазифаҳои асосӣ гардиданд.

Дар ҳошияи ҳамоиши сеҷонибаи шаҳри Хуҷанд вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров баргузор гардид.

Ба натиҷаҳои гуфтушунидҳои сеҷонибаи имрӯз баргузоршуда баҳои баланд дода шуд, ки натиҷаи асосии он имзои Шартнома дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии Ўзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон мебошад.

Бо қаноатмандӣ пешрафти татбиқи тавофуқҳои дар сатҳи олӣ ҳосилшуда зикр гардид. Ҳаҷми гардиши мол аз аввали сол 70 фоиз афзудааст. Ҳамкории саноатӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, аз ҷумла бо дастгирии Бунёди муштараки сармоягузорӣ бомуваффақият рушд мекунад.

Масъалаҳои тезондани лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар соҳаи энергетика ва коммуникатсияҳои нақлиётӣ, аз ҷумла сохтмони роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Ўзбекистон баррасӣ шуданд.

Сарони давлатҳо тарафдори нигоҳ доштани робитаҳои фаъоли байниминтақавӣ ва табодули фарҳангиву гуманитарӣ шуданд.

Президентҳои кишварҳо ҳамчунин оид ба ҷадвал ва рӯзномаи чорабиниҳоиояндаи сатҳи олӣ мубодилаи афкор намуданд.

Дар доираи барномаи фарҳангии ҳамоиш дар шаҳри Хуҷанд сарони давлатҳои Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон аз қалъаи Хуҷанд дидан карда, бо таърихи он шинос шуданд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки сохтмони ин маҷмааи нодир ба асрҳои VI-V то милод рост меояд. Тавассути кофтуковҳои бостоншиносӣ муайян гардид, ки маҳз дар ҳамин давра аввалин қалъа бунёд гардидааст.

Баъди таҷдиди соли 1999 дар паҳлуи қалъа Осорхонаи кишваршиносӣ кушода шуд, ки дар он зиёда аз 28 ҳазор нигора нигоҳдорӣ мешавад.

Дар ҷараёни бозсозии охирин деворҳои қалъа, арк ва дарвозаҳо барқарор карда, бинои маъмурӣ ва дӯконҳои косибон сохта шуданд ва намунаҳои ҳавлиҳои қадимии Хуҷанд бунёд гардиданд.

Дар ҳудуди қалъа маҷмаае бо 5 толори намоишии таърих ва фарҳанги халқи тоҷик бунёд шудааст. Дар 8 ҳавлӣ ҳунармандон бо хаттотӣ, рассомӣ, бофтани адрас, дӯхтани сӯзанӣ, наққошии рӯи санг, оҳангарӣ ва кулолгарӣ машғуланд.

Сарони кишварҳо бо намоишгоҳи маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, кишоварзӣ ва таомҳои миллии се давлат шинос шуда, инчунин барномадҳои миллиро тамошо карданд.

Сипас Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров дар чорабинии муштарак – консерти устодони фарҳанг ва ҳунари се кишвар иштирок карданд.

Дар сухани ифтитоҳии худ сарвари давлати мо мардуми бародарро бо ҷашни Наврӯзи баҳорӣ ва иди муқаддаси Рамазон самимона табрик гуфт.

– Имрӯз барои мардумони мо ҷашни воқеан бузург ва деринтизор аст. Мо Шартномаи таърихӣ дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишварро ба имзо расонидем. Акнун сарҳадҳо – хатҳои бародарӣ, фазои имкониятҳои нав, созандагӣ ва ҳамгироӣ мебошанд, – таъкид намуд Шавкат Мирзиёев.

Қайд гардид, ки мардумони мо як сарзамини муқаддас, як дин, як сарнавишт ва орзуву умеди муштарак доранд. Ҳоло вазифаи мо ин аст, ки якҷоя ин сарзамини зеборо барои зиндагии шоиста ва хушбахтонаи наслҳои ҳозира ва оянда обод созем.

Дар солҳои охир, бо шарофати иродаи сиёсии муштарак, дар муносибатҳои байни кишварҳои мо тағйироти мусбати азим ба амал омадааст.

Шартномаи муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон эътибор пайдо кард. Дарояндаи наздик ин гуна ҳуҷҷат байни Ўзбекистон ва Қирғизистон ба имзо мерасад.

Нишондиҳандаҳои савдо, сармоягузорӣ, ҳамлу нақли бор ва сафарҳои шаҳрвандон босуръат афзоиш меёбанд. Шумораи намунаҳои муваффақи ҳамкорӣ зиёд мешавад.

Ба баргузории мунтазами чорабиниҳои фарҳангӣ, фестивалҳои эҷодӣ, форумҳои ҷавонон ва мусобиқаҳои варзишӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

– Ҳунар сарҳад надорад, рисолати бузурги он муттаҳид сохтани одамон аст. Ва консерти имрӯзаи ҳунармандони соҳибистеъдоди се кишвар бори дигар сарват, гуногунрангӣ ва умумияти фарҳангҳои моро намоиш медиҳад, – хулоса кард Президенти Ўзбекистон.

Бо ҳамин сафари кории сарвари давлатамон ба Тоҷикистон анҷом ёфт.

Дар фурудгоҳ Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гусел намуд.

**ЎзА.**

Муносибат

# ҚАДАМИ МУҲИМ ДАР РОҲИ ВАҲДАТУ ШУКУФОИИ МИНТАҚАВӢ

***Баргузории мулоқоти сеҷонибаи сарони давлатҳои Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон дар шаҳри Хуҷанд ва дар он имзо гардидани созишнома «Дар бораи нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатӣ» на танҳо аз нигоҳи сиёсӣ, балки аз назари таърихию фарҳангӣ низ рӯйдоди муҳим ба шумор меравад.***

Ин мулоқот дар ҳамкории мутақобилаи боваринок ва самимонаи байни мамлакатҳои минтақа саҳифаи навро боз намуда, дар роҳи паси сар гузоштани душвориҳои гузашта қадами муҳим гардид.

Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар давраи аввали истиқлолият ба як қатор мушкилот ва зиддиятҳо дучор шуда буданд. Бахусус, мушкилоти марбут ба масоили марзӣ ба зиндагии рӯзмарраи мардуми мо таъсири манфӣ расонидааст.

Солҳои охир дар натиҷаи сиёсати фаъол ва конструктиви хориҷӣ, ки бо ташаббуси Президентамон Шавкат Мирзиёев амалӣ мегардад, дар муносибатҳои минтақавӣ тағйироти мусбат ба амал омад.

Ба туфайли сиёсати мутақобилан оқилона ва сулҳҷӯёнаи сарони давлатҳо имрӯз сарҳад на чун омили ҷудокунандаи халқҳо, балки ба сифати муттаҳидкунанда намоён мешавад.

Ҳизби сотсиал-демократии Ўзбекистон «Адолат» сиёсати фаъоли хориҷӣ ва саъю талоши кишварамонро, ки ба густариши минбаъдаи ҳамкориҳои минтақавӣ нигаронида шудааст, дастгирӣ мекунад.

Мо ташаббусҳои ба минтақаи ҳамаҷониба рушдёфта ва сулҳу субот пойдор табдил додани Осиёи Марказиро дар барномаи пешазинтихоботии худ чун ҳадафи афзалиятнок муайян карда будем.

Натиҷаи дигари муҳими вохӯрӣ дар шаҳри Хуҷанд – дар нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатӣ бунёд гардидани стела (сутун)-и «Рамзи дўстӣ» буд, ки рамзи дурахшони бародарии абадӣ, дўстӣ ва ҳамбастагии халқҳои мо гардид. Ин ёдгории рамзӣ мероси воқеии таърихӣ хоҳад буд, ки дар дурнамои дарозмуддати муносибатҳои байни кишварҳои мо барои рушд хидмат мекунад.

Ҳамзамон, талошҳои сарони давлатҳо барои делимитатсияи марзҳо дар таъмини субот, рушди иқтисод ва некӯаҳволии мардуми минтақа аҳамияти бузург дорад.

Кушода шудани сарҳадҳо ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи иқтисодӣ, бешубҳа, барои тавсеаи имкониятҳои иқтисодиву иҷтимоии минтақавӣ роҳҳои нав боз мекунад.

Мо, «адолатчиён» ин рӯйдоди таърихиро чун қадами муҳим бобати фаровонӣ ваояндаи осоиштаи халқҳоямон арзёбӣ намуда, дар равандҳои таҳкиму амиқтар шудани ҳамкориҳои минтақавӣ саҳм мегузорем.

**Робахон МАҲМУДОВА,**
**роҳбари фраксияи ҲСД «Адолат» дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



*Корхонаи «Ёдгорлик»-и ба истеҳсоли маҳсулоти абрешим ихтисосонидаи шаҳри Марғелон соли 1924 дар шакли ателе ташкил гардида, сонитар бо номи «Хон атлас» маҳсулоти худро ба бозор баровардааст. Корхонаи мазкур дар самти сайёҳӣ соли 1991 аз ҷониби ташкилоти байналхалқии ЮНЕСКО ба эътирофи алоҳида сазовор гардидааст.*

*Алҳол дар корхона 40 нафар ҳунарманди моҳир фаъолият мебарад. Ин ҷо давоми сол ба ҳисоби миёна 10 ҳазор сайёҳ ташриф оварда, аз намунаҳои санъати миллии ҳунармандӣ баҳраманд мешаванд.*

***Дар сурат:** дар корхонаи «Ёдгорлик».*

***Суратгир: Муқимҷон ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# «РАМЗИ ДЎСТӢ» – САҲИФАИ НАВ ДАР ТАЪРИХ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Онҳоро як камарбанд бо ҳам мепайвандад. Ин – камарбанди дўстӣ. Имрӯз бо ҳам бародари абадӣ будани се давлат, се халқ бо созишномае, ки президентҳо имзо карданд, тасдиқ гардид.

Дар рафти вохӯрии онҳо дар вилояти Суғди Тоҷикистон иҷозаи ифтитоҳи «Рамзи дўстӣ» дода шуд. Муовинони сарвазирони се давлат тасмаи алвонро бурида, «Рамзи дўстӣ»-ро кушоданд. Дили ҳама саршори ифтихор гардид. Ҳамдигарро бо ин рӯз табрик карданд.

– Пештар пост гузошта буданд, ки барои дидорбинӣ рафта наметавонистем. Акнун бе ягон мушкилӣ ба Ўзбекистон равуо мекунем. Президентҳо сиёсати халқпарварона пеш мебаранд, – гуфт сокини деҳаи Зартеши Боткени Қирғизистон А. Жусупов. – Пеш аз ҳама осудагӣ лозим аст. Аз вохӯрии имрӯза умеди калон дорем. Президентҳо гуфтанд, ки макони ягона, бозори ягона месозем. Соҳибкорӣ боз ҳам рушд мекунад.

– Дар сарҳадҳои Тоҷикистон – Қирғизистон – Ўзбекистон мушкилоти зиёд вуҷуд дошт. Шавкат Мирзиёев дар ҳал кардани онҳо ташаббускор гардид ва ба мо ёрии калон расонд, – гуфт муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода. – Орзуи халқҳои тоҷик ва қирғиз иҷобат гардид. Акнун дар масъалаи сарҳад ягон мушкил намонд. Ин натиҷаи сиёсати хирадмандонаи президентҳои се давлат аст.

Бале, нақли ҳамсояат осуда бошад, ту ҳам осудаӣ, барои ҳама баробар дахл дорад. Аз ин рӯ, одамон, ки он хоҳ ўзбек аст, хоҳ қирғиз ва ё тоҷик аз имрӯзи худ розӣ.

– Дар замини тоҷикон се Президент дастро ба даст дода, «Рамзи дўстӣ»-ро кушоданд. Ман зани хушбахтам. Якҷоя бо онҳо иштирокдори ин воқеаи таърихӣ гардидам, – гуфт Шоира Йўлдошева, ки аз ноҳияи Исфараи Тоҷикистон омада буд. – Сарҳадҳо боз гардид, бародарии қадимӣ барқарор шуд.

– Имрӯз дар таърих мемонад. «Рамзи дўстӣ» ёдгории одӣ не. Ба макони муқаддаси се давлат, се халқ табдил меёбад. Мо, роҳбарони ҳукумат созишномаҳоеро, ки президентҳо имрӯз имзо карданд, албатта иҷро мекунем. Чунки онҳо барои абадӣ гардидани дўстии халқҳои мо пойдевори мустаҳкам мебошанд, – гуфт муовини Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Бакид Торобоев.

Замонҳо мегузарад. Наслҳо нав мешаванд. Аммо ёдгорие, ки мерос гузошта шуд, тӯли асрҳо аз қарори инсонпарваронаи президентҳои се халқ, се давлат дар роҳи сулҳ, бародарӣ ва оянда гувоҳӣ хоҳад дод.

**Муҳаммадҷон ОБИДОВ,**
**мухбири ЎзА.**

***Мувофиқи маълумоти Садорати омори вилояти Навоӣ дар моҳҳои январ-феврали соли 2025 вилоят бо 61 давлати хориҷӣ муносибатҳои тиҷоратӣ анҷом додааст.***

# ГАРДИШИ САВДОИ БЕРУНИИ ВИЛОЯТИ НАВОӢ

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ 265,1 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст.

Ҳаҷми савдои берунӣ нисбати ҳамин давраи соли 2024 12,9 миллион доллар, ё худ 4,1 фоиз афзудааст. Дар гардиши савдои хориҷии вилоят Фаронса 53,2, Русия 11,8, Ҷумҳурии Мардумии Чин 8,2, ИМА 4,5 ва Британиёи Кабир 3,7 фоиз саҳмгузор гардидаанд.

Ҳаҷми экспорт 183,4 миллион ва импорт бошад, 81,7 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ВАРЗИШ – ВАСИЛАИ ДЎСТӢ

***Аз бозе, ки муносибатҳои байни ду кишвари ҳамсоя Ўзбекистон ва Тоҷикистон аз нав барқарор шуду ҳамкориҳо густариш пайдо карданд, рафтуомади сокинони ду давлати бо ҳам дўсту бародар бештару қавитар гардид. Хосатан, алъон иштирок дар чорабиниву мусобиқоти гуногуни варзишӣ миёни намояндагони ду мардуми азалан дўст ба ҳукми анъана даромадааст.***




Чанде пеш, бахшида ба Ҷашни байналмилалии Наврӯзи оламафрӯз дар маскани барҳавою мусоиди Қалъаи Муғтеппаи шаҳри Истаравшани Тоҷикистон мусобиқаи байналхалқии гӯштии миллӣ баргузор гардид. Дар он 67 нафар намояндагону варзишгарони кишварҳои Эрон, Русия, Ўзбекистон ва Қирғизистон ширкат ҷустанд.

Ин мусобиқаи хотирмон дар сатҳи баланд баргузор гардид. Дар он паҳлавонон аз рӯйи вазнҳои 61 кг., 71 кг., 86 кг. ва +86 кг. ҳамчунин паҳлавондухтарони вазнашон то 57 кг. қувваозмоӣ намуданд.

Дар ин мусобиқаи бонуфуз паҳлавонони ўзбекистонӣ, аз қабили Ситора Элмуродова дар вазни то 57 килограмм ҷойи чаҳорум, Умед Эсанов 86 килограмм ҷойи сеюм, Шералӣ Ҷўраев +86 килограмм ҷойи чаҳорум, Муҳсин Ҳисомиддинов +86 килограмм ҷойи савум, Бекмурод Олтибоев +86 килограмм ҷойи аввалро соҳиб гаштанд. Шоҳҷоиза – автомобили электромобил, ки аз ҷониби Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуда буд, ба таври тантанавӣ ба ғолиби мутлақ Бекмурод Олтибоев супорида шуд.

Бекмурод Олтибоев соли 1996 дар вилояти Сурхондарё таваллуд шудааст. Вай нахустин ғолибиятро соли 2015 бо гирифтани медали тилло дар мусобиқаи Ҷоми Осиё ба даст оварда буд. Худи ҳамон сол дар чемпионати Осиё, ки дар Бангкок байни наврасон баргузор шуд, соҳиби медали нуқра гардид.

Аз соли 2020 дар ҳайати тими яккачини Ўзбекистон баромад мекунад, иштирокдори Бозиҳои тобистонаи олимпии Токио аст.

Шоҳҷоиза муборак, Бекмурод!

**Солеҳ МУҲАММАДҶОН.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ДӮСТ БУДАН ЧӢ МУШКИЛӢ ДОРАД?

(Аввалаш дар саҳ.1).

Сухан бештар аз боби дӯстиву рафоқат рафта, барҳақ таъкид гардид, ки мардуми тоҷику ӯзбек аз қадимулайём паҳлӯи ҳам зиста, ба якдигар хеле унс гирифтаанд ва дар идомаи солҳо ба бародарони ҷонӣ мубаддал гаштаанд.

Бояд таъкид кард, ки мардуми маҳаллаи Зевар дар ибтидои соли 2001 аз кӯҳистони ноҳияи Сариосиё дар пайи нохушиҳои ҳамон айём ба ноҳияи Бандихон кӯчонда шуда буданд ва 25 сол боз дар ин ҷо зиставу рӯзгори худро дубора обод сохтаанд. Таълими фарзандони ин мардум дар мактаби рақами 29 ба забони тоҷикӣ сурат мегирад. Аз маълумоти ҳолдонҳо, дар ноҳияи Бандихон замоне боз як мактаби тоҷикӣ таҳти рақами 3 вуҷуд дошт, аммо ҳоло, мутаассифона, забони таълими худро тағйир додааст. Боғчаи кӯдакон низ дар Зевар гурӯҳи тоҷикӣ дорад.

Раҳбарони ҳокимияти ноҳия зимни ин чорабинии фарҳангӣ, ки дар мавзӯи дӯстиву рафоқат ва таҳаммулпазирии миллӣ буд, ваъда доданд, ки дар ҳалли мушкили пешомада чораҳои фаврӣ хоҳанд дид. Таъкид шуд, ки нафаре ҳақ надорад, ҳуқуқи қавму миллатҳои маскуни Ӯзбекистонро, ки дар Сарқонуни ин кишвар ба таври возеҳ дарҷ ёфтаанд, тахриб намояд ва боиси дилхирагиҳо гардад.

Ӯзбекистон ватани зиёда аз 100 миллату қавм мебошад ва тоҷикону ӯзбекон аз қадимтарин миллатҳои таҳҷоии ин марзу бум ҳастанд. Дӯстии онҳо дар сиёсати оқилонаи ҳукумати кишвар, хоса Президенти муҳтарами он Шавкат Мирзиёев, таҷассум шудааст ва умедворем то ҷовидонаҳо идома хоҳад ёфт.

**Мусулмон ҲАКИМОВ,**
**омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик, мудири қисми илмии мактаби рақами 29-уми ноҳияи Бандихони вилояти Сурхондарё.**

# ШУКӮҲИ БАҲОРИ «ЧАШМА»

***Имрӯзҳо шодиёнаҳои баҳору Наврӯз дар саросари ҷумҳурӣ, шаҳру ноҳия, деҳаҳои дурдаст ва маҳаллаву гузарҳо идома доранд.***
***Бо ташаббуси ҳокимияти ноҳияи Бектемири пойтахт, Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» дар маҳаллаи «Чашма»-и ноҳия чорабинии бошукӯҳ таҳти номи «Хуш омадӣ, Наврӯз!» баргузор гардид.***



– Дар арафаи фарорасии баҳор, иди Наврӯзи оламафрӯз, ки онро Сари сол низ мегӯянд, ба корҳои хайр даст задем. Аз ҳоли оилаҳои камтаъмин, маълӯл, серфарзанд, яккаву танҳо, беморон пурсон шуда, ба онҳо хӯроквори, сару либос, ашёҳои хониш ва ғайра супурдем. Шартномаи шашмоҳаи таҳсили Анора ном духтарак, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Чашма» истиқомат мекунад, аз ҷониби ҳокимияти ноҳия пардохта шуд, – мегӯяд роҳбари шуъбаи ноҳиявии Кумитаи оила ва кор бо ҷавонони ҷумҳурӣ Лола Бойназарова.

– Дар маҳаллаи Чашма намояндагони миллатҳои лӯлӣ, тоҷик, ӯзбек, қазоқ ва қирғиз дӯстона ва ҳамҷиҳат умр ба сар мебаранд. Ҷамоати шаҳрвандони Чашма дорои биноӣ алоҳида буда, дар он ҷо майдони варзишӣ, китобхона, хонаи маънавият ва маърифат, маҷлисгоҳ фаъолият мебарад, – мегӯяд ҳамсуҳбати мо, раиси маҳалла Култуғмиш Аҳқулов. – Маҳаллаи мо 17 ҳазору 906 нафар аҳолӣ дорад, ки 90 фоизи онҳоро ҳаммиллатони ман – лӯлиён ташкил менамоянд. Хонадонҳо бо неруи барқ, гази табиӣ ва канализатсия таъмин мебошанд.

Ҷашни Наврӯз дар ин маҳалла шукӯҳи ба худ хос дошт. Дар дегҳо ош, сумалак омода мекарданд, суфраи наврӯзӣ аз самбӯсаҳои алафин, фатиру қатламаҳои равғанин ва дигар шириниҳо, ки маҳсули дастони бонуҳои маҳалла буданд, пур буд.

– Наврӯзро дар деҳаи худ пешвоз гирифта, хостам идомаи онро бо бародарон, ки дар пойтахт маскун ҳастанд, гузаронам. Нону насиб будааст, дар шодбошиҳои баҳории маҳаллаи Чашма иштирок дорам, – мегӯяд омӯзгор аз ноҳияи Нурато Холбика Нурназарова. – Аз суманак ва таомҳои баҳории Чашма чашидам, аз растаи китобҳо китоб харидам. Албатта, Наврӯз иди дӯстӣ, ҳамҷиҳатӣ ва хайру эҳсон аст. Шоир барҳақ фармудааст:

*Лабханди хуршеди ҷаҳон,*
*ҷону ҷаҳонафрӯз шуд.*
*Фасли зимистон*
*даргузашт,*
*Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.*
*Омад дами фирӯзиям,*
*бобо бидеҳ наврӯзиям...*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
**Суратгир: Т. ХОВАРӢ.**

# «БОҒИ ДӮСТӢ» БУНЁД ГАРДИД

***Дар табрикоти наврӯзии худ Шавкат Мирзиёев мардуми нексиришти минтақаро аз номи мардуми гуногунмиллат муборакбод карда, аз ҷумла гуфт: «Наврӯзи олам алҳол тамоми миллату халқиятҳо, аз ҷумла халқҳои Осиёи Марказиро боз ҳам қаринтар мекунад. Бигузор, минтақаи мо, ки ба маънои аслӣ ба макони дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамкорӣ табдил меёбад, ҳамеша орому осуда, доим шукуфон бошад!»***

Дӯстӣ беҳтарин арзиш ва дастовард аст. Дар он ҷое, ки дӯстӣ ҳаст, умед ҳаст, адолату муҳаббат, меҳрубониву шафқат ва шодиву фараҳ бо инсонҳоянд. Дӯстӣ нерӯи созанда аст. Он чӣ мо, зиндагониву хонаводаҳои моро фирӯзу шодком медораду ба ҳастии мо маъно мебахшад, дӯстист. Дӯстӣ омили ҳамзистии осоишта ва бахту саодати мардум мебошад, маҳз ба шарофати он одамон орому осуда ва сарбаландона зиндагӣ мекунанд. Тамоми ободиву бунёдкорӣ, сарсабзию пешравӣ аз баракати дӯстӣ мебошад.

Вохӯрии сарони давлатҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ бобати дӯстӣ саҳифаи наве боз намуд. Мардумони кишварҳои мазкур ин ҳодисаи бузурги сиёсиро бо рӯҳбаландӣ пешвоз гирифтанд.

Ба ин муносибат дар маҳаллаҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон тадбирҳое гузаронида шуданд, ки дӯстӣ ва ҳамдилии аҳолиро боз ҳам мустаҳкам гардонида, дар ташаккули ҷаҳонбинии мардум такони нав бахшиданд. Халқи гуногунзабони мо бо урфу одат, фарҳанг ва тарзи зиндагии тоҷикони кӯҳистони Нурато аз наздик шинос шуданд. Дар ин тадбирҳо ҳокимони вилояту ноҳия ва намояндагон зиёди миллатҳои гуногун иштирок намуданд.

Имсол дар бисёр маҳалҳои тоҷикнишин сайру ҷашну ҳангомаҳои наврӯзии муштарак ҳамроҳ бо дӯстони ӯзбеку қазоқу дигар миллатҳои муқими кишвар доир гардид. Чунин иқдоми хурсандибахш дар деҳоти Эҷ ва Синтаби вилояти Навоӣ ва Ӯхму Моҷарми вилояти Ҷиззах бо шукӯҳу тантана баргузор шуданд.

Тадбири наврӯзӣ дар даромадгоҳи деҳаи Эҷ, дар ҳавои кушод баргузор гардид. Иқдоми наврӯзӣ ба як маросими дӯстиву ҳамдилӣ табдил ёфт.

Рамзиёти иди Наврӯз, ки кишттукор, ҳунарҳои мардумӣ, баргузории бозиҳои миллии гӯштингирӣ, ресмонкашӣ ва ғайраро таҷассум мекунанд, баргузор гардиданд.

Дар ин ҷо «Боғи дӯстӣ» барпо гардид. Беш аз ҳазор бех ниҳоли манзаравӣ шинонида шуданд. Аҳолӣ ҳамроҳи меҳмонон бо сарварии ҳокими ноҳияи Нурато Азамат Файзиев дар ин иқдом фаъол иштирок намуданд.

«Сетора» дар минтақа аввалин тӯйхона аст. Дар он намояндагони ҳар се миллат маросимҳои суру тантанавиро мегузаронанд, яъне он маънои се халқ, ҳамдилӣ ва бародарии миллатҳоро дорад. «Боғи дӯстӣ» дар канори ана ҳамин маскани дӯстӣ бунёд шуд.



Шодию хурсандии мардумро интиҳо набуд. Як сӯ савту тарона, рақсу бозӣ, як сӯ гуштингирӣ, дар самти дигар ба тариқи зинда намоиши ҳунарҳои дастӣ. Яке доира мезаду тарона месароид, дигарон ҳамовозӣ мекарданд. Дар ин ҷараён бону Заррина Нурназарова пешсаф буд.

Ҳамчунин, ҳунармандони эҷӣ намунаҳои сӯзаниву кашидадӯзӣ, бофандагию ресандагӣ, дуредгарӣ, гупписозӣ, ки имрӯз қариб фаромӯш гаштаанд, ба намоиш гузоштанд.

Меҳмон атои Худо мегӯянд. Оину русуми меҳмоннавозиву меҳмондорӣ дар байни мардуми кӯҳпоя аз қадим вуҷуд дорад.

Онҳо ин анъанаи хуби аҷдодиро хуб иҷро намуданд. Меҳмонони аз дуру наздик омадаро дар тӯйхонаи «Сетора» ба сари як пиёла чой ҷамъ оварданд. Ҳокими ноҳия ҳозиринро бо иди фитр ва ҷашни Наврӯзи оламафрӯз муборакбод намуд. Аз ҷониби дастаи фолклории ноҳия ва сарояндаи хушовоз Дилмурод Қӯзиев ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ ва қазоқӣ савту сурудҳо садо доданд. Толибилмони мактабҳои рақами 30 ва 35 (таълим ба забони қазоқӣ) бо рақсҳои миллии дилнишини худ ба ҳозирон кайфияти хуш бахшиданд.

Бешубҳа, тадбир бағоят хушоянд буд. Чунин иқдом дӯстии халқҳоро боз ҳам мустаҳкам, зиндагии онҳоро ширину гуворо мекунад, сулҳу ваҳдатро пойдор месозад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# НАВРӮЗ ВА МУЧАЛ

## *ва ё дар ҳисоби мучал то ба кай дарҳаму барҳамҳо идома мекунанд?*

Маълум аст, ки Наврӯз натанҳо рӯзи эътидоли баҳорӣ ва оғози фасли баҳор, балки пеш аз ҳама рӯзи аввали моҳи Фарвардин (дар солшумории яздигурдӣ) ва ҳамал (дар солшумории ҳиҷрии шамсӣ) буда, Соли Нави хуршедӣ низ аз ҳамин рӯз ибтидо мегирад. Аз ин лиҳоз, Наврӯзро Навсол низ метавон гуфт, зеро Соли Нави бобоии мо аз ҳамин рӯз, ки ба 21-уми марти солшумории григорианӣ рост меояд, оғоз меёбад. Мувофиқан бо ин аз худи ҳамин рӯз ҳисоби соли дувоздаҳгонаи мучал, ки дар баъзе маҳалҳо «мӯлҷар» низ мегӯянд, тағйир ёфта, соли куҳан, ки бо исми ҷонваре номгузорӣ шудааст, ҷойи худро ба соли нави мусаммо ба ҷонвари дигар медиҳад. Ба ин тартиб аз Наврӯз ва Соли Нави 1404-уми ҳиҷрии шамсии имсола, ки мутобиқ ба 20-уми марти соли 2025-уми милодист, тибқи ҳисоби мучал Соли Мор оғоз мегирад ва то 20-уми марти соли 2026 идома ёфта, аз фардои он рӯз, яъне 21-уми марти соли 2026 ҷойи худро ба Соли Асп медиҳад.

Мушкил инҷост, ки солҳои охир бо фаро расидани Соли Нави милодӣ – 1-уми январ дар саҳафоти васоити ахбори умум ва шабакаҳои иҷтимоӣ сурати ин ё он ҷонвареро, ки дар тақвими мучал номашон ҳаст, оварда ҷор мезананд, ки фаразан: «Хайр, Соли Паланг, марҳабо Соли Харгӯш!», ки билкул ғалат аст, аммо бо омадани Наврӯз ва Соли Нави ниёгон, ба ёди касе намерасад, ки соли нави мучал низ даромадааст. Ин дар ҳолест, ки аслан соли нави мучал маҳз аз ҳамин рӯз оғоз меёбад.

Эътибор дода бошед, се моҳ қабл, рӯзҳои охири моҳи декабри соли 2024 ва аввали моҳи январи соли 2025 низ саҳифаҳои Фейсбук ва дигар бахшҳои шабакаи ҷаҳонии интернет ҳамин гуна навиштаҳо бо акси Мор пур шуда буданд, ки инак, Соли Наҳанг рафту Соли Мор омад. Ҳамчунин аз табиати мор ва хосиятҳои соле, ки ба номи ӯст, суханҳо гуфтанду шеърҳо навиштанд, аммо дар ин ду-се рӯзи ахир, ки Наврӯзи оламафрӯз рух намуду ҳамзамон бо он Соли Нави хуршедӣ ва тибқи тақвими мучал Соли Мор низ фаро расид, касе лаб намекушояд.

Хуб, мо ба қавмҳову халқҳои дигар коре надорем, русҳо масалан, асрҳо боз соли навро аз 1-уми январ пешвоз мегиранд, бигузоред соли мучалро низ, ки барои онҳо чандон аҳаммият ҳам надорад (зеро мучал тақвими шарқист), аз ҳамон якуми январ ҳисоб кардан гиранд. Аммо мо – тоҷиконро чӣ шудааст, ки дар ҳисоби мучал, ки «Соли бобоӣ» низ мегӯем, ба иштибоҳ роҳ бидиҳем?! Магар Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Хоҷа Самандари Тирмизӣ ва даҳҳо бузургони дигари ҳамқавми мо набуданд, ки ин гоҳшумориҳоро дақиқан муайян карда, бо саҳеҳтарин ҷадвалу адвор пешкаши ҷаҳониён намудаанд ва дар бораи хосияти солу моҳу бурҷҳо андешаҳои пуркимате баён доштаанд? Бовар кунед, ҳамин гуна навиштаҳоро, ки маҳсули қалами ин ё он рӯзноманигор, шоир, нависанда ва ё муҳаққиқи камубеш шинохтаест, мебинаму ба ҳайрат меоям ва ба худ мегӯям, ки аз ин «дипломдорҳо» дида, бобои бесаводи ман Ҳасрати Зариф босаводтар ва ба қавли устод Лоиқ «Бесавод, аммо саводомӯзи сад омӯзгор» будааст, ки аз ин ё он ҳамсуҳбаташ соли мучалашро пурсида, дар як дам мегуфт, ки масалан «ту ба «Соли бобоӣ» (мучалро дар назар дошт) солат гӯсфанд, ба «Соли ҳукуматӣ» (тақвими имрӯзаи милодиро ҳамин тавр меномид) дар соли 1931 таваллуд шуда, 62-ро пур кардаву ба 63 қадам гузоштаӣ». Ва агар мусоҳибаш, фаразан гӯяд, ки ӯ охири зимистон, дар моҳи ҳут таваллуд шудааст, пас мегуфт: «ин тавр бошад, ту аз соли гӯсфанд кам баҳра бурдаӣ, ба соли ҳукуматӣ таваллудат 1932 мешавад»...

Бале, солҳои пеш дар деҳот аксари куҳансолон соли таваллуди худро намедонистанд, аммо аз нақли падару модар «чӣ будани солашон», яъне дар кадом соли мучал ба дунё омаданашонро медонистанд ва ба суоли «солат чист?» дарҳол посух медоданд, ки «наҳанг ё асп ё мурғ...» ва ғайра. Дар ин мавриди шоҳиди чизи дигаре низ шудаам, баъзе бузургсолон, агар мучалашон ба номи ҷонваре номатлуб аз қабили муш, хук... бошад, ба суол дар мавриди синну сол посух медоданд, ки дар «аввали сол» (яъне соли муш) ва ё дар «охири сол» (соли хук) ба дунё омадаанд.

Онҳое, ки солашон саг буд, хислати маълуми ин ҷонварро дар назар дошта, мучали худро «вафодор» мегуфтанд. Ҳамчунин касе «солам маймун ё бӯзина» намегуфт, балки бо исми дигари арабии ин ҷонвар, ки дар тақвими мучал низ ҳамин ном омадааст, «ҳамдуна» ном мебурд. Дар соли гов таваллудшудагон низ гов не, балки «бақар» мегуфтанд. Ин албатта, як падидаи фарҳанги мулоқот ва одоби суханварию сухансанҷии халқи мост.

Хуб, худи мучал ё мӯлҷар чист, он чӣ гуна тақвим аст ва мо кай боз аз он истифода мебарем? «Мучал» ва «мӯлҷар» вомвожаҳои аслан туркӣ буда, ба маънии сол, таърих далолат мекунанд. Дар мавриди пайдоиши ин солшуморӣ, ки беш аз ҳазор сол ба ин сӯ гузаштагони мо – тоҷикон низ аз он ба тарзи густарда истифода мебаранд, муҳаққиқон назари гуногун доранд. Гурӯҳе агар баромади онро ба мардуми чинӣ ё ҷопонӣ нисбат диҳанд, иддае дигар онро солшумории туркӣ медонанд ва ба исботи ин қазия ривоятеро низ мисол меоранд, ки дар «Девон-ул-луғоти турк»-и Маҳмуди Қошғарӣ (асри XI) омадааст.

Тибқи ин ривоят яке аз хоқонҳои турк мехоҳад таърихи ҷангеро, ки чандин сол қабл аз давраи ҳукмронии ӯ шуда гузаштааст, биомӯзад, аммо дар муайян кардани соли оғози он ҷанг иштибоҳ мекунад. Сипас, дар хусуси ин масъала бо вазирону сипоҳиёни худ машварат мекунад ва мегӯяд, ки мо дар муайян сохтани ин таърих чӣ қадар ба иштибоҳ роҳ дода бошем, пасояндагони мо низ ҳамон қадар, балки аз он бештар хато мекунанд. Пас, мо бояд бо такя ба дувоздаҳ моҳ ва дувоздаҳ бурҷи осмон, ки ҳар яке ному мавқеи худро доранд, ба дувоздаҳ сол низ ном бигузорем, то ин ки пас аз сари мо ҳисоби сол мувофиқи гардиши ҳамин солҳо ба тартиб даровварда шавад ва ин чиз аз мо чун ёдгоре боқӣ бимонад.

Сипас, хоқон ба шикор мебарояд ва бо дастури ӯ сипоҳиёнаш тӯқайзорро аз се ҷониб печонида гирифта, ҳайвоноти дохили онро ба самти дарёи сероби Ила мебароранд. Дувоздаҳ ҷонвар худро ба дарё андохта аз об мегузаранд. Аз ҳама пеш муш аз дарё мегузарад, бинобар ин ҳам соли нахустини тақвими нав «Соли Муш» ном мегирад. Пас аз ӯ гов (бақар), паланг, харгӯш, моҳӣ (наҳанг), мор, асп, гӯсфанд, маймун (ҳамдуна), мурғ, саг ва хук дарёро убур мекунанд ва мувофиқан ба солҳои баъдина номи онҳо дода мешавад.

Абурайҳони Берунӣ низ дар «Осор-ул-боқия» дар бораи ин солшумории дувоздаҳгона маълумот медиҳад. Муаллифи луғатномаи манзуми арабӣ ба форсии «Нисоб-ус-сибён», шоир ва донишманди тоҷик Абунасри Фароҳӣ (вафоташ соли 1242) ҳамаи дувоздаҳ ҷонварро, ки дар солшуморӣ номбар мешаванд, дар ду байт ба ин тартиб зикр кардааст:

*Мушу бақару палангу харгӯш*
*шумор,*
*З-ин чор чу бигзарӣ, наҳанг*
*ояду мор.*
*В-он гоҳ ба аспу гӯсфанд аст*
*ҳисоб,*
*Ҳамдунаву мурғу сагу хук*
*охири кор.*

Ҳамчунин бояд гуфт, ки дар гузашта таърихи бунёди ин ё он бино ё иморати бузург, рӯйдодҳои муҳимро бо ҳамин соли мучал вобаста мекарданд, ки масалан «ин мадраса дар соли наҳанг бунёд ёфтааст ва ё он ҷанг дар соли ҳамдуна сар шудааст» ва ғайра. Чунончи, устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ба шеъру шоирӣ дилбастагӣ доштани падари худ Саидмуродхоҷаро ёдовар шуда, аз нақли ӯ рубоиеро мисол меорад, ки чун моддаи таърих дар соли бунёди айвони масҷиди Соктаре, ки дар соли мурғ аз тарафи Ҳидоятхоҷа (писарамаки падари Айнӣ) сохта шудааст, гуфта будааст:

*Ҳидоятхоҷа – он устоди*
*моҳир,*
*Ки бошад дар ҳунармандӣ*
*ягона.*
*Ба соли мурғ ин айвон бино*
*кард,*
*Бидеҳ бар «мурғ»-и ӯ ту*
*«обу дона».*

Ин ҷо «мурғ» ва «обу дона» моддаи таърих буда, ҳуруфи он мувофиқи абҷад ҳисоб карда шавад, соли 1303-юми ҳиҷрии қамарӣ бармеояд, ки мутобиқ ба соли 1885-уми милодист ва воқеан ҳам ба ҳисоби мучал соли мурғ аст.

Акнун меоем, сари он ки чӣ тавр аз рӯйи мучал метавон синнусоли ин ё он шахсро муайян кард. Аввалан бояд кас номи ин дувоздаҳ ҷонварро, ки ин тақвим аз он фароҳам омадааст, бо тартиб аз ёд донад. (Рубоии Абӯнасри Фароҳӣ, ки дар боло оварда шуд, дар ин бобат хеле ба кор меояд). Сониян чор амали риёзӣ – ҷамъу тарҳу зарбу тақсимро низ ба қадри кофӣ донаду дар ҳисоб ба иштибоҳ роҳ надиҳад.

Савум, андак аз асрори қиёфашиносӣ бохабар бошаду фаразан, марди панҷоҳсоларо ҳафтодсола гумон накунад...

Агар шумо низ аз ин ҳар се огоҳ бошед, метавонед зуд ва бехато синнусоли ин ё он шахсро бинобар мучали ӯ муайян бикунед. Масалан, аз солхӯрдае мепурсед, ки солаш чист, мегӯяд «бақар». Ба чеҳраи ӯ нигариста тахмин мекунед, ки аз шаст болост, яъне панҷ даври мучалро паси сар кардааст. (Ин ҷо ҳаминро низ бояд хотирнишон кард, ки даври аввали мучалро 13 сол ҳисоб мекунанд, яъне нӯҳ моҳи дар батни модар будани шахсро низ ба ҳисоб мегиранд). Хуб, 13+(4x12) мешавад 61. Сипас аз бақар то соли ҷорӣ, ки мор аст, ҳисоб мекунед. Аз он соли морро сарфи назар менамоед, яъне аз бақар то морро (бақар, паланг, харгӯш ва наҳанг), ки ҷамъ 4 солро дар бар мегирад, ҳисоб карда, онро ба 61 зам мекунед, мешавад 65. Пас, маълум мешавад, мусоҳиби шумо, ки солаш бақар (гов) буда, панҷ даври мучалро сипарӣ кардааст, соли равон ба 65 қадам гузоштааст.

Албатта, нафароне хоҳанд гуфт, ки дар замони муосир ин гуна тақвиму ҳисобҳои қадима ба кӣ лозим аст, вақте рӯзу моҳу соли таваллуди ҳар як инсон дар зодномаву шиноснома ва дигар асноди шахсиаш сабт гардидааст. Дуруст, мо ба ин эроде надорем. Хуб аст, ки бо истифода аз технологияи муосир ин гуна маълумотро, чи дар шакли хаттӣ ва чи рақамӣ, дар зудтарин фурсат дастрас карда, натанҳо синнусол, балки маҷмӯи иттилоотро дар бораи масалан қавмият, шаҳрвандӣ, кӣ будани волидайни ин ё он шахс муайян карда метавонем. Аммо, бо вуҷуди ҳамаи ин, мо набояд аз тақвимҳое монанди мучал, ки як ҷузъи ҷудонопазири таъриху фарҳангамон буда, аз замонҳои қадим то ҳол дар байни оммаи мардум машҳур аст, ноогоҳ бимонем. Ин масъала паҳлӯйи дигар низ дорад, ки ба таҷрибаҳои чандинасра ва боварҳои мардумӣ асос ёфтааст, яъне касе, ки масалан, дар соли наҳанг таваллуд шудааст, дорои ин ё он хислат хоҳад шуд ва ё дар соли муш ҳосили деҳқонӣ фаровон мешавад ва монанди инҳо...

Дар зер акси ҷадвали мучал барои қариб ду аср (аз соли 1900 то 2067), ки аз интернет дастрас карда шуд, пешниҳод мегардад, аммо бояд бигӯям, ки он низ чандон саҳеҳ нест, зеро барои ҳар як соли мучал як соли милодӣ нишон дода шудааст, ки дар асл ин тавр нест. Соли мучал, чунонки дар боло гуфтем, аз 21-уми марти ҳар соли милодӣ оғоз гардида то 20-уми марти соли баъдиро дар бар мегирад. Масалан, дар ҷадвали зерин барои Соли Харгӯш танҳо соли 1975 нишон дода шудааст, ҳол он ки мебоист барои саҳеҳияти он 21.01.1975 – 20.03.1976 навишта мешуд, ки як соли пурраи фарогирии ин соли мучалро нишон медиҳад.

**Турдиқул ҲАСРАТОВ,**
**директори мактаби рақами 83-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

*Ба ҷойи табрик*

# ДИЛЕ САРШОР АЗ ИРОДА

## ё худ назаре ба фаъолияти ибратбахши соҳибқалам



Инак, боз як баҳонаи одии ҳаётӣ қалам ба даст медиҳаду дилу дидаро ба кор, сайри андешаҳоро ба рӯзгор, ба рӯзгори пайванди оини ҷустуҷӯи меҳру муҳаббат дар чеҳраҳои мондагор мутаваҷҷеҳ месозад. Чунин ҳидоят дучанд мақбултар мешавад, агар мӯҳтавои чунин ибтикорот симое бошад, соҳиби ҷойгоҳи амиқу жарфо дар назари мардум. Гузашта аз ин, дар зиндагӣ шахсоне ҳастанд, ки бидуни муаррифӣ ва ё таърифу тавсиф аҳли ҷомеа ӯро ҳамеша бо некӣ, хушбинӣ, масрурият, футуввату заковати инсонияш пазироӣ мекунанд. Ба вай назари самимӣ доранд.

Қаҳрамони мо низ дар чунин тасниф, бидуни шубҳа, аз сатрҳои болоии рӯйхат ҷой мегирад. Чунки ӯ чун инсон худро шинохта, чун соҳиби касбаш худро дарк карда, чун узви ҷомеа масъулияти худро дониста, чун фарзанди миллат ба асолати худ рӯй оварда, ҳамарӯза баҳри беҳбудиву беҳдоштии рӯзгори инсонӣ камарбаста аст.

Ӯ аз зумраи ашхосест, зиндагиномаи онҳоро на дар баррасии далелу бурҳони иборат аз фалон сол то фалон сол дар ин вазифаву дар он мансаб, балки дар таҷзияи мазмуни амалҳояшон, дарёфти падидаи ноодии истеъдоду фитрати ҷустуҷӯяшон ба тасвир овардан, барои мардум нафъи бештару дарси ибрату сабақи хотирмон мебахшад. Вай дар суҳбат баъзан басо содагӯю ҷӯё ба назар мерасад. Ҷустани посухи чунин фазилатҳо айнан симои ботинии ӯ, аслияти камолу хиради ӯро ба кас ошкор мекунанд.

Сарсухани китоби ӯро ба унвони «Фарзандони фарзонаи Фарғона» хондаму ба худ гуфтам, ки воқеан роҳи зиндагиаш якранг равону, дастовардҳои касбиаш ҳамеша муфту бедардимиён, рӯзгораш «мерос»-и падару обрӯву эътибораш «осмонӣ» ба даст наомадаанд. Баръакс, дар замири ҳар як аз нукоти пурнишоти имрӯзааш саъю кӯшиши пайваста, меҳнати пурсамар, иродаи матин, муҳаббат ба зиндагиву рӯзгор, сабру тоқати сангин ба омаду ноомади тақдир ва албатта, худшиносиву худогоҳии тавъам бо хоксории ӯро дарёфтан равост.

Дар як деҳаи дурдасти ба ном Ҳушёр, ки андаруни кӯҳҳои сарбафалаку дорои табиати инҷиқу зарфаш танг, дар иҳотаи мардуми қирғиз ба дунё омада, ба сифати як фарзанди огоҳ ба воя расида, дунё дидааст. Чандин мамоликро гаштаву омӯхта, аз назари комили коршиноси варзида хулосаҳо бардошта, дар нигориши рӯзмаррааш ба муштариёни ахбори умум фикре ҷолиб, мулоҳизае нафъовар манзур менамояд.

Журналист, тарҷумон, эҷодкор. Ин ҳалқаҳои ногусастанӣ дар фаъолияти журналисти бомаҳорати касбӣ, тарҷумони серҷанбаву варзида, эҷодкори рангинхаёл.

Маҳз аз мӯҳтавои мазмуни фавқ, банда тасмим гирифтам, дар ин чанд сатри фишурда пайваста ба ҷашни муборакии камолоти маънавӣ, бозтоби хиради зеҳнӣ, тақвияти комили руҳӣ, оғози даҳаи ҳаштуми тақвимӣ дар умри бобаракат назари пурэҳтироми дӯстон, ҳамрозон, ҳамсолон, ҳамдилу ҳамзабононро манзури хонандагони арҷманд бирасонам.

Солҳои таҳсил дар бахши таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, дар курси шабонаи «журналистика»-и назди ҷамъияти «Дониш» низ соҳиби ҳуҷҷате шуда будам. Аз сабақҳои ҳаётии Воҳидҷон Асрорӣ, Иброҳим Усмонов ва боз чанд тан аз маъруфони соҳа баҳраманд шудан насиб гардида буд. Ба ёдам, ки дар машғулиятҳои амалӣ китоби И.Усмонов ба унвони «Материалҳо оид ба машғулиятҳои амалии журналистика» манбаи асосии омӯзиши мо буд. Оид ба ҳамаи жанрҳои журналистика машқҳои амалӣ ба анҷом расонида, ин ё он хабар, репортаж (рӯзмарраву, лирикиву суратдор), суҳбат (нақлу муколамаву лавҳаву мизи мудаввару анҷумани матбуотӣ), мухбирнома, мақола (директивӣ, тарғиботӣ, публитсистӣ, муаммоӣ), нигориш ва ҳоказоро дар ин ё он рӯзнома ба чоп мерасонидем. Ёдрас кардани ин порчаро аз ҳаёти донишҷӯӣ ба он хотир айни маврид донистам, ки хонандаи азизам бояд фаҳмад, симои қаҳрамони моро мукаммалу пурра ба риштаи тасвир кашидан, донистани баъзе аз ҷиҳатҳои нозуки касби ӯро тақозо менамояд. Дар он машғулиятҳои зикршуда, яке аз устодони номбурда ҳамеша мегуфт: сифати муҳими журналист, чизеро дониста худро нодон ҳисобидан, ҳодисаеро дида худро нодида гирифтан, вазъиятро фаҳмида худро нафаҳмида ҷилва додан аст. Пас, сабру таҳаммул, хоксорӣ муҳимтар аз ҳама будааст, барои журналист.

Инак, ба манзури Шумо, Мирасрор Аҳроров (Фарғонӣ).

***

Чанд андеша зимни иншои ин сатрҳо гӯё аз ғайб садо медоданд. Монологе ба вуқӯъ мепайваст. Содагӣ, ин чист? Ин хислатест, ки дар назари аввал шояд камарзиш ва одӣ намояд, лекин амиқтар бингарем, мебинем, ки он реша бузургӣ дорад. Бузургӣ танҳо дар донишу иқтидор ё мартаба нест. Бузург касест, ки бо ҳама новобаста аз мақому мавқеъ яксон муносибат мекунад, бе кибру ғурур, бе ниқоб ва бе эҳтиёҷи худнамоӣ. Одиву содагӣ ҳамин аст, яъне инсонро худӣ мекунад, ба одами ҳақиқӣ табдил медиҳад.

Дар асл, содагӣ маънои беақлӣ ё бетаҷрибагӣ нест. Баръакс, он нишони зеҳни баланд ва дилу нияти пок будааст. Касе, ки сода аст, худро аз дигарон боло намегузорад, балки ҳамеша дар талоши дарки ҳақиқат ва хидмат ба мардум аст. Пас гуфтаҳои устоди журналист шаҳодати он, ки қаҳрамони мо фидоии касби худ аст.

Бузургон на бо либоси зебо, на бо сарвати зиёд ва на бо суханҳои пурдабдаба шинохта мешаванд. Онҳо бо содагӣ, бо самимияти калому рафторашон дар хотирҳо мемонанд. Пас, содагии Мирасрори Фарғонӣ нишони бузургӣ аст.

***

Рости гап, журналистика натанҳо ҳунар, балки масъулияти пурфишорест, ки воқеиятро ба мардум мерасонад. Дар ин ҷода, шахсоне муваффақ ҳастанд, ки бо навишта, гузориш ва таҳқиқоти худ ба ҷомеа таъсири амиқ мегузоранд. Дарди мардумро чун дарди худ ифшо мекунанд, иллати ҷомеаро чун наштаре ба узви худ мепазиранд. Барои ҳамин, оне соҳиби касби худ шинохта мешавад, ки мегӯяд, меҷӯяд, мепӯяд.

Мирасрор яке аз чунин шахсиятҳост, ки тӯли фаъолияти худ бо ҷасорату ҳақиқатнигорӣ эътибор пайдо карда тавонистааст. Ӯ бо сабки хоси худ ҳодисаҳои муҳими рӯзро бозтоб дода, ҳамеша дар ҷустуҷӯи ҳақиқат аст.

Фаъолияти касбии ӯ аз ибтидо дар расонаҳои бонуфуз, аз ҷумла васоити ахбори умуми марбути кишварҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, ба ҳайси хабарнигори соҳибасолат ба худ заминаи қавӣ омода намуд. Аз он рӯзҳо то ба ин рӯзҳои барояш масрурбахш, навиштаҳояш дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бо таҳлили амиқ ва далелҳои мӯътамад фарқ мекунанд.

Барои заҳмату талошҳои хастанопазир, ӯ бо чандин ҷоизаҳо ва унвонҳои фахрӣ қадрдонӣ шудааст. Чунончи, ҷоизаи журналистии «Дейвид Бурк»-и Шӯрои иттилоърасонии ИМА, соли 2021 «Журналисти фаъоли сол»-и Иттиҳодияи журналистони Ӯзбекистон, соли 2023 соҳиби мукофоти миллии «Олтин қалам», ҳамон сол соҳиби ордени «Дӯстлик» гардидан нишони эътирофи заҳмату истеъдод аст.

Бо вуҷуди комёбиҳо, ӯ ҳамоно бо садоқат ба касб ва масъулияти шаҳрвандӣ фаъолият дорад, то мардумро бо иттилооти дақиқ ва боэътимод таъмин созад.

***

Дар маҷомеи ҷаҳони имрӯз, ки иттилоот бо суръати баланд паҳн мешавад, нақши журналист ҳарчи бештар эҳсос мешавад. Журналист на танҳо хабарнигор, балки оинаи ҳақиқат, роҳнамои мардум ва ҳимоятгари адолат низ мебошад.

Журналисти маҳбуби мардум будан ва шудан осон нест. Ин шахс бояд содиқ ба касб, боинсоф ва ҷасур бошад. Вай бояд садои мардумро ба гӯши масъулон расонад, мушкилоти ҷомеаро бозгӯ кунад ва роҳи ҳалли онҳоро пешниҳод намояд. Маҳз чунин журналистон метавонанд боварии мардумро ба даст оранд ва дӯстдоштаи онҳо шаванд.

Маҳбубияти журналист аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза ба воқеият ва адолат пойбанд аст. Вай бояд ҳамеша ҳақиқатро ҷӯяд, хабарҳоро бе ғараз ва бе тамоюл ба гурӯҳи хосе инъикос кунад. Журналисти воқеан маҳбуб бо мардум аст, дар байни онҳо зиндагӣ мекунад ва дарду мушкилоти онҳоро эҳсос менамояд, чун Мирасрор.

Дар замони муосир, ки иттилооти бардурӯғ ва ғаразнок зиёд асту рӯзафзун мебошад, журналисти маҳбуби мардум он касе аст, ки ба ахлоқи касбӣ содиқ монда, рисолати худро бо масъулият иҷро мекунад. Чунин шахс бо матолиби худ метавонад ҷомеаро бедор созад, тафаккури мардумро тағйир диҳад ва барои беҳбудии зиндагии ҳамагон саҳм гузорад.

Ҳушёр, Сӯх, водии Фарғона, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, тоҷикони ҷаҳон – ин ҳама макони масири ташаккули шахсияти Мирасрор, сайри парвози ӯ баҳри камолот ва мондагории ӯст. Ҳамакнун, имрӯз, албатта дар сафи муштариёни рӯзномаи «Овози тоҷик», мо ҳам бо камоли ифтихор метавонем ва ҳақ дорем арз намоем, ки бародари азизи мо, маҳбуби мардуми Сӯхзамин, ҳамрози аҳли водии Фарғона, фарзанди бошарафи Ӯзбекистону Тоҷикистон Мирасрор Аҳроров воқеан чун журналист маҳбуби мардум, маърифатпарвару рӯшангари ҷомеа сазовори қадршиносист.

**Абдуллоҳи ТОҲИРИЁН,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

*Озмун*

***Даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забонҳои ӯзбекӣ, қазоқӣ, қароқалпоқӣ ва ҷуғрофия дар мактаби рақами 22-юми шаҳри Навоӣ баргузор гардид. Озмуни фаннии сатҳи ҷумҳуриявӣ ду рӯз идома ёфт. Мо бо раиси ҳайати доварони озмун аз фанни забон ва адабиёти тоҷик Турдиқул Ҳасратов доири бурду бохт ва натиҷаҳои озмун тамос гирифтем.***

# ҒОЛИБОН МУАЙЯН ГАРДИДАНД

25-26-уми марти соли равон дар шаҳри Навоӣ даври ҷумҳуриявии озмуни фаннии донишомӯзони синфи ёздаҳум аз фанни забон ва адабиёти тоҷик баргузор гардид. Дар озмун хонандагони синфи 11-ум дар қатори якчанд фан, хушбахтона, аз фанни забон ва адабиёти тоҷик низ иштирок карданд. Ва аз рӯйи ду шарти озмун, ки яке навиштани кори хаттӣ, яъне ба шакли эссе буд ва иҷрои тест байни ҳамдигар қувваозмоӣ карданд. Дар озмун аз нӯҳ вилояти ҷумҳуриамон ҷамъ 24 нафар хонандагон иштирок карданд. Дар ҷамъбасти озмун, ки хеле пуршиддат гузашт, махсусан хонандагони вилоятҳои Сурхондарё, Қашқадарё, Самарқанд, Фарғона, Тошканд ва Навоӣ фаъолона иштирок карда, соҳиби холҳои баланд шуданд. Дар ҷамъбасти озмун бо холи аз ҳама баланд хонандаи синфи 11-уми мактаби рақами 38-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё Фарҳунда Искандарова бо 90,2 хол сазовори ҷойи аввал гардид. Хонандаи синфи 11 мактаби рақами 10-уми ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё Зафар Амонов бо дарёфти 87,6 хол соҳиби ҷойи дуюм ва хонандаи синфи 11-уми мактаби рақами 43-юми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд Иззатулло Неъматов бо дарёфти 79,3 хол соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.



Мувофиқи шартҳои низоми озмун довталабоне, ки сазовори ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мегарданд, бо мукофотҳои пулӣ низ тақдир мешаванд ва аз фанне, ки дар озмун ҷойи фахриро гирифтаанд, аз имтиҳони дохилшавӣ ба бахшҳои филологияи тоҷики мактабҳои олӣ озод мебошанд. Ғолибон аз ҷониби Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ ва ҳокимияти вилояти Навоӣ бо диплом, мукофотҳои пулӣ ва тухфаҳои қиматбаҳо қадр карда шуданд.

Инчунин, довталабон аз вилоятҳои Тошканд, Фарғона, Навоӣ дар озмун фаъолона иштирок намуданд. Мисолан, хонандаи мактаби 25-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона Шоҳидабону Мирзоҷонова, хонандаи мактаби рақами 17-уми шаҳри Ангрени вилояти Тошканд Парасту Абдуллоҷонова, хонандаи мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Ҳулкар Расулова зиёда аз 75 хол ба даст оварда, ба комёбиҳои хуб ноил гардиданд. Ин аз он чиз шаҳодат медиҳад, ки омӯзгорони онҳо хуб кор карда, маҳораташонро сайқал додаанд. Ва як чизи дигар боиси хурсандӣ аст, ки назар ба солҳои пештар хонандагон дар маҷмӯъ дар навиштани кори хаттӣ ва иҷрои тест ҳам маҳорати хубтар нишон доданд.

Албатта, кор бенуқсон намешавад. Рости гап, баъзе хонандагон дар навиштани кори хаттӣ маҳорати хуб надоранд. Инчунин дар иҷрои тест ба иштибоҳот роҳ дода, холҳои паст ба даст овардаанд. Ин нишон медиҳад, ки дар баъзе мактабҳо сатҳи таълими забон ва адабиёти тоҷик ба дараҷаи паст аст. Сабаби паст рафтани сатҳи таълими забон ва адабиёти тоҷик, мутаассифона, марбут аст ба кам гардидани соатҳои дарсӣ аз ин фан мебошад. Гумон мекунем, ки роҳбарияти Маркази таълими ҷумҳурӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ медиҳад, чунки фанни забон ва адабиёт фанни калидӣ аст. Бояд, ки соатҳои ин фан зиёд карда шавад.

Панҷ нафар доварони озмун, ки аз ҳисоби омӯзгорони пуртаҷриба ва баландихтисос аз панҷ вилояти ҷумҳурӣ баргузида шуда буданд – Турдиқул Ҳасратов (Сурхондарё), Ҳилола Норбоева (Самарқанд), Тӯйчӣ Чориёров (Қашқадарё), Бахтиёр Холов (Навоӣ) ва Ҳамидулло Рӯзиматов (Тошканд) кори ҳар як иштирокдори озмунро бо диққат аз назар гузаронида, мувофиқи меъёри муқарраршуда холисонаву одилона ва шаффоф баҳогузорӣ карданд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# БАҲОР ФАСЛИ ГУЛҲОСТ



Бо фарорасии Иди Наврӯз фасли баҳор оғоз меёбад.

Фасли баҳорро арӯси сол меноманд, зеро маҳз дар ин фасл табиат ранги дигар, ранги зебову дилбар мегирад. Сабзаҳо қад мекашанд. Аввал бойчечак, бунафша, лола мешукуфанд, баъд гулҳои дигар ва дарахтони мевадору бемева гул мекунанд.

Онҳо табиатро зебу оро медиҳанд. Бад-ин ҳол умри касро дарозу меҳрашро нисбати табиату ҷамъият меафзоянд. Гузаштагони мо, «Соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост», гуфтаанд. Камина, ки дар оғози фасли баҳор таваллуд ёфтааму ҳоло 88-умин баҳори умрро пешвоз мегирам, гулу лола, чаҳ-чаҳи булбулони онро дӯст медорам.

Соли 1965 дар техникуми хӯроквории Самарқанд як сол шабона хонда, дар боғи рӯ ба рӯйи он, ки «Боғи обком» мегуфтанд, кор кардам. Ин боғ тамоми шаҳри Самарқанд ва ноҳияҳои вилоятро бо гулу ниҳолҳои гуногуни гул таъмин мекард. Агроному директори худро дошт. Ману ҳамкурсам Муродқул Самиев ҳамчун боғбон рӯзона кор мекардем. Ман дар ҳамин ҷо асрори боғбонӣ, гулпарварӣ, пайвандкунии гулу дарахтонро омӯхтам, ба гулпарварӣ меҳр мондам.

Аз ин сабаб то ҳол дар замини наздиҳавлигӣ хелҳои гуногуни гулҳои бисёрсола ва яксоларо парвариш мекунам.

Ҳангоми дар техникум хондан бо дӯстам Муродқул дар як ҳавлии рӯ ба рӯйи мактаби рақами 9-уми шаҳр – ҳавлии эшони Аббосхонбобо, ки ҳама Эшонбобо мегуфтанд, мезистем. Синнашон аз 85 боло буду махсӣ медӯхтанд. Мӯйсафеди обрӯманд буданд (ҷояшон ҷаннат бод). Он кас Акбархон ном писар доштанд, ки ҳамсоли ман буд. Ӯ ду гармхона дошт ва хелҳои гуногуни гулҳоро парвариш намуда, ба бозор бароварда мефурӯхт. Ман аз вай бисёр асрори гулпарвариро ёд гирифтам.

Ҳоло наберaҳо ба ман кумак мерасонанд, гулҳоро парвариш намуда, онҳоро ба мактабҳояшон мебаранд, ба устодону муаллимонашон туҳфа мекунанд. Ман аз он хурсанд шуда, дӯстонам, гулпарварони моҳир Акбархон ва Муродқул Самиевро, ки 5-6 сол пеш аз олам гузаштанд, ба хотир меоварам. Аз онҳо ба ман олами гулҳо ёдгорӣ монданд.

**Раҳматулло ШАРИФЗОДА,**
**нафақахӯр аз вилояти Самарқанд.**

*Дар ҷевони китоб*

# КИТОБ ДАР БОРАИ ДОНИШМАНДИ ФАРЗОНА

***Солҳои охир дар кишварамон дар раванди эҳёи арзишҳои маънавию маърифатӣ, омӯзиши ҳаёт ва мероси алломаҳои бузург, ба таҳқиқ ва тарғиби таълимоти хоҷагон-нақшбандия таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар байни маърифатдӯстони мамлакат олимони нуктасанҷу донандаи илмҳои таърихӣ бисёранд, ки туфайли онҳо мо саҳифаҳои таърихи бостониро азнав варақ зада, навигариҳои илми он замонро барои худамон бори дигар кашф менамоем.***




Аз ҷумла, ба қарибӣ китобе бо номи «Бузургмардони Худо» аз тариқи нашриёти «Afzalzoda books»-и шаҳри Тошканд ба муносибати таҷлили 85-солагии Аҳмадҷон Махдуми Ҳанафӣ рӯйи чопро дид. Муаллифи китоб ҷавони боиқтидору серғайрат ва ҷӯянда Маҳкам Ҷаъфарзодаи сариосиёӣ мебошад.

Дар ин асар дар бораи ҳаёт ва фаъолияти донишманди фарзона ва шахсияти барҷаста Аҳмадҷон Махдуми Нақшбандӣ, падари эшон Домулло Шоҳмурод ва дигарон сухан меравад. Китоби мазкур аз се қисм: «Домулло Шоҳмурод ибни Розиқ», «Ҳазрати Аҳмадҷон Махдуми Нақшбандии Муҷаддидӣ» ва «Се мақола» иборат аст.

Тавре ки дар сарсухани китоб доктори фалсафа оид ба илмҳои филология Хусрави Саъдуллоҳ мегӯяд: «Китоби дами даст дар роҳи аз наздиктар шинохтани шахсият ва фазилатҳои инсонии Домулло Шоҳмурод, Шайх Аҳмадҷон Махдум ва дигарон, ки зодаи деҳаи Зархона мебошанд, аз аҳамияти вижае бархурдор аст. Муаллим ва эҷодкор Маҳкам Ҷаъфарзода бо таснифи асар номи бузургони диёри худро зинда гардонда, хотираи неки онҳоро пос доштаанд, ки қобили таҳсин аст. Дар рисола, махсусан, дар бобати андешаву афкори Шайх Аҳмадҷон Махдум ва падари эшон маълумоти фаровон гирдоварӣ шудааст. Он барои ҳамагон аз ҳар ҷиҳат судманд хоҳад буд».

Умед аст, ки тадқиқоти муаллиф ба алоқамандони тасаввуф писанд меояд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.

Адади нашр 3690. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.

Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.